# Моддаи 12-и ПБҲШС

## Рафтуомади озодона



Моддаи 12 §3 маҳдудиятҳо ба ҳуқуқи рафтуомади озодона, интихоби озодонаи манзили зист ва тарк кардани ҳар кишварро иҷозат медиҳад, агар онҳо мутобиқи қонун пешбинӣ шуда бошанд ва барои ҳимоя зарур бошанд:

- **I** **амнияти давлатӣ;**
- **II** **тартиботи ҷамъиятӣ;**
- **III** **саломатии аҳолӣ ;**
- **IV** **ахлоқ; ва**
- **V** **ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон.**



Таваҷҷуҳ! Маҳдудият аз рӯи сабабҳое, ки аз сабабҳои дар боло номбаршуда фарқ мекунанд, иҷозат дода намешавад.

**МАҲДУДИЯТҲО БОЯД:**

- **Мутобиқи қонун бо таърифи возеҳ ва меъёрҳои дақиқ пешбинӣ шуда бошанд;**
- **Ба принсипҳои мутаносиб будан мувофиқат кунанд; ва**
- **Ба принсипҳои асосии баробарӣ ва бидуни табъиз мувофиқат кунанд.**

Агар ба моддаи 12 ҳар гуна маҳдудият гузошта шавад, аз давлатҳои узв талаб карда мешавад, ки дар гузоришҳои давравии худ ба Кумита оид ба ҳуқуқи инсон ҳамаи иттилооти дахлдорро пешниҳод кунанд, аз ҷумла:

- меъёрҳои ҳуқуқие, ки маҳдудиятҳо ба онҳо асос ёфтаанд;
- воситаҳои вуҷуддоштаи ҳифзи ҳуқуқ барои маҳдудият; ва
- агар ба шаҳрвандони хориҷӣ маҳдудиятро ба таври гуногун татбиқ карда бошанд, ҳолатҳое, ки чунин муносибати гуногунро асосдор менамоянд.

**Инчунин истинод оред ба:**

Рӯйхати санҷишӣ барои монитринги маҳдудиятҳои ғайриқонунии ПБҲШС (корти №2)



CCPR Centre for Civil and Political Rights
бо дастгирии:
Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

# Моддаи 18 §3-и ПБҲШС

## Озодии пайравӣ кардан ба дин



Моддаи 18 §3 ба маҳдудиятҳои муайян ба озодии пайравӣ кардан ба дин иҷозат медиҳад, агар онҳо тибқи қонун пешбинӣ шуда бошанд ва барои ҳифзи мавридҳои зерин зарур бошанд:

- I амнияти ҷамъиятӣ;
- II тартиботи ҷамъиятӣ;
- III саломатии аҳолӣ;
- IV ахлоқи ҷамъиятӣ; ва
- V ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон.

**Таваҷҷуҳ! Истифодаи маҳдудиятҳо дар ин мавридҳо иҷозат дода намешаванд:**

- Озодии фикр;
- Озодии виҷдон; ва
- Озодӣ доштан ё қабул кардани дин ё эътиқод бо интихоби худ.

***Амнияти давлатӣ ба асосҳои иҷозатдодашуда барои маҳдуд кардани озодии дин дохил карда НАШУДААСТ. Маҳдудиятҳо бо мақсади ҳифз намудани ахлоқ набояд танҳо аз анъанаи ягонаи иҷтимоӣ, фалсафӣ ва динӣ сарчашма гиранд.***

***Маҳдудиятҳо бо мақсади табъиз ҷорӣ карда намешаванд ё ба таври табъизомез татбиқ карда намешаванд.***

**Инчунин истинод оред ба:**

Рӯйхати санҷишӣ барои назорати маҳдудиятҳои ғайриқонунии ПБҲШС (корти №2)



CCPR Centre for Civil and Political Rights

бо дастгирии: Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

# Моддаи 19 -и ПБҲШС

## Озодии изҳори баён, аз ҷумла ҳуқуқи дастрасӣ ба маълумот



**Моддаи 19 маҳдудиятҳои озодии изҳори баён, аз ҷумла озодии ҷустуҷӯ кардан, ба даст овардан ва паҳн кардани маълумот ва ғояро иҷозат медиҳад, агар онҳо тибқи қонун пешбинӣ шуда бошанд ва барои ҳифзи мавридҳои зерин зарур бошанд:**

I эҳтироми ҳуқуқҳо ё обрӯи дигарон; ё

II барои ҳифзи:

A. амнияти давлатӣ;

B. тартиботи ҷамъиятӣ;

C. саломатии аҳолӣ; ё

D. ахлоқи ҷамъиятӣ.



Таваҷҷуҳ! Маҳдудият аз рӯи сабабҳое, ки аз сабабҳои дар боло номбаршуда фарқ мекунанд, иҷозат дода намешавад. Маҳдудият барои озодии андеша манъ аст.

### Маҳдудиятҳо бояд:



- **Дар қонуни маъмулӣ, аз ҷумла қонунҳои анъанавӣ ва динӣ пешбинӣ нашуда бошанд;**
- **Бо дақиқии кофӣ ва меъёрҳои возеҳ таҳия шуда бошанд;**
- **Муқаррароти бидуни табъизи ПБҲШС - ро вайрон накунанд;**
- **Барои ноил шудан ба вазифаи муҳофизатии худ мутаносиб бошанд; ва**
- **Ҳамчун чораи камтар интрузивӣ (таҳмилкунанда) бошанд.**

**Инчунин истинод оред ба:**

Рӯйхати санҷишӣ барои назорати маҳдудиятҳои ғайриқонунии ПБҲШС (корти №2)



CCPR Centre for Civil and Political Rights

бо дастгирии: Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

# Моддаи 21 -и ПБҲШС

## Озодии ҷамъомадҳои осоишта



Моддаи 21 маҳдудиятҳоро иҷозат медиҳад, агар онҳо мутобиқи қонун ҷорӣ карда шаванд ва дар ҷомеаи демократӣ ба манфиатҳои зерин зарур бошанд:



I амнияти давлатӣ;

II амнияти ҷамъиятӣ;

III тартиботи ҷамъиятӣ; ва

IV ҳифзи:

A. саломатии аҳолӣ;

B. ахлоки ҷамъиятӣ ; ё

C. ҳуқуқу озодиҳои дигарон.

## Маҳдудиятҳо бояд:

- дақиқ бошанд;
- ба шахсони масъул барои иҷрои он салоҳдиди бемаҳдуд ё васеъро пешниҳод накунанд;
- ба таври маҳдуд тафсир карда шаванд ва бо ҳадафи мусоидат ба ҳуқуқ роҳнамоӣ карда шаванд;
- табъизомез набошанд ва ё барои монеъ шудан ба иштирок ё расонидани таъсири боздоранда пешбинӣ карда нашаванд;
- зарурӣ, мутаносиб ва камтар интрузивӣ (таҳмилшаванда) бошанд; ва
- аз рӯи муҳтавои худ бетараф бошанд, яъне онҳо НАБОЯД бо паёми ҷамъомад алоқаманд карда шаванд.

**Таваҷҷуҳ! Ҷамъомадҳое, ки осоишта нестанд, бо моддаи 21 муҳофизат карда намешаванд.**

**Амалҳои ҷудогонаи зӯроварӣ аз ҷониби баъзе аз иштироккунандагон набояд ба дигарон, ташкилкунандагон ва ё дар маҷмӯъ ба ҷамъомад нисбат дода шаванд.**

**Инчунин истинод оред ба:**

Рӯйхати санҷишӣ барои назорати маҳдудиятҳои ғайриқонунии ПБҲШС (корти №2)



CCPR Centre for Civil and Political Rights

бо дастгирии: Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

# Моддаи 22 -и ПБҲШС

## Озодии иттиҳодия



Моддаи 22 ба маҳдудиятҳо дар озодии мазкур иҷозат медиҳад, танҳо дар сурате ки онҳо дар қонун пешбинӣ шуда бошанд вадар ҷомеаи демократӣ ба манфиати мавридҳои зерин зарур бошанд:

I амнияти миллӣ ё амнияти ҷамъиятӣ;

II тартиботи ҷамъиятӣ;

III ҳифзи:

A. саломатии аҳолӣ;

B. ахлоқи ҷамъиятӣ; ё

C. ҳуқуқу озодиҳои дигарон.



**Моддаи 22 инчунин ҷорӣ намудани маҳдудият қонуниро дар озодии иттиҳодия барои шахсоне, ки ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳ ё полис шомиланд, иҷозат медиҳад.**

**Иттиҳодияҳои дорои узвияти ҳатмӣ тавассути моддаи 22 мазкур ҳифз карда намешаванд.**

**Ташкил намудан ва фаъолиятҳои иттиҳодияҳи зерин бояд тавассути қонун манъ карда шаванд:**



- Иттиҳодияҳое, ки ҷангро таблиғ мекунанд; ё
- Иттиҳодияҳое, ки адовати миллӣ, нажодӣ ё диниро ташвиқу таблиғ мекунанд боиси табъиз, хусумат ё зӯроварӣ мешаванд.

**Инчунин истинод оред ба:**

Рӯйхати санҷишӣ барои мониторинги маҳдудиятҳои ғайриқонунии ПБҲШС (корти №2)



CCPR Centre for Civil and Political Rights

бо дастгирии: Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

# Тартиби зарурӣ барои инҳирофи қонунӣ аз Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ



**Дар вақти ҳолати фавқулоддаи ҷамъиятӣ, давлатҳои узв метавонанд чораҳое андешанд, ки аз баъзе ӯҳдадориҳои онҳооид ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ПБҲШС) инҳироф мекунанд, аммо риоя кунанд:**

## I Эълони расмӣ дар бораи ҳолати фавқулодда

- Инҳироф аз Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ПБҲШС) бояд истисноӣ ва муваққатӣ бошад.
- вазъият бояд ба ҳолати фавқулоддаи ҷамъиятӣ баробар бошад, ки ба ҳаёти миллат таҳдид мекунад ва давлати узв бояд расман ҳолати фавқулоддаро эълон кунад.

Таваҷҷуҳ! Агар давлатҳои узв ҳар гуна чораи инҳирофро бидуни эълон кардани ҳолати фавқулодда татбиқ намоянд, ин вайрон кардани ӯҳдадориҳои худ дар чорчӯби ПБҲШС хоҳад буд.

## II Фиристодани огоҳинома ба Дабири кулли СММ

- Ҳамаи давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймонро тавассути Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид доир ба муқаррароте, ки вай аз онҳо инҳироф намудааст ва сабабҳое, ки вайро ба чунин қарор водор сохтаанд, хабардор намоянд.
- Огоҳиномаи иловагӣ зарур аст, ҳангоми:
  - андешидани чораҳои оянда барои инҳироф;
  - тамдиди ҳолати фавқулодда; ва
  - қатъ кардани ҳолати фавқулодда.

Ҳамаи давлатҳои узв, ки чораҳои фавқулоддаро анҷом додаанд ва аз ӯҳдадориҳои худ дар чорчӯби Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ инҳироф кардаанд, бояд ин тартиботро риоя кунанд.

# Рӯйхати санҷишӣ барои мониторинги вайронкунии тартиби зарурӣ барои инҳироф кардан аз Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар контексти пандемияи COVID-19

Агар кишвари шумо ягон чорае андешида бошад, ки аз ӯҳдадориҳои дар назди онҳо гузошташуда дар чорчӯби ПБҲШС инҳироф кунад ...:

I Оё кишвари шумо ҳолати фавқулоддаро эълон кардааст?

II Оё кишвари шумо ба Дабири кулли СММ дар бораи эълон кардан, тамдид ва/ё қатъ кардани ҳолати фавқулода хабар додааст?

III Оё огоҳинома ба Дабири кулли СММ дорои маълумоти кофӣ дар бораи чораҳои дақиқи андешидашуда, муқаррароте мебошад, ки аз онҳо инҳироф карда мешавад; ва ҳамчунин сабаби инҳирофро дар бар мегирад?



**Агар ҷавоби шумо ба ягон саволи дар боло зикршуда "НЕ" бошад, тартиби зарурии инҳироф аз Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ мумкин аст аз ҷониби кишвари шумо (пурра) риоя карда нашавад.**

**Инчунин истинод оред ба:**

Рӯйхати санҷишӣ барои монитринги инҳирофи ғайриқонунии ПБҲШС (корти №9)



CCPR Centre for Civil and Political Rights

бо дастгирии: Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

# Моддаи 4 -и ПБҲШС

## Инҳироф аз ПБҲШС дар ҳолатҳои истисноӣ



**Ҳар гуна чорае, ки аз ПБҲШС инҳироф мекунад, мутобиқи ПБҲШС бояд:**



- Ба таври қатъӣ зарур ва мутаносиб бошад;
- Хусусияти истисноӣ ва муваққатӣ дошта бошад;
- Мутобиқат бо дигар ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дошта бошад;
- Бидуни табъиз бошад; ва
- Инҳироф аз ҳуқуқҳои мутлақ надошта бошад.

Таваҷҷуҳ! Давлатҳои узв набояд аз ПБҲШС инҳироф кунанд, агар вазъият тавассути маҳдудияти ҳуқуқҳои дар моддаҳои 12, 18 §3, 19, 21 ва/оё 22-и ПБҲШС иҷозат додашуда ба даст оварда шавад.

## Рӯйхати санҷишӣ барои мониторинги вайронкунии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ тавассути инҳирофи ғайриқонунӣ дар контексти пандемияи COVID-19

Агар кишвари шумо ягон чорае андешида бошад, ки аз ӯҳдадориҳо дар чорчӯби ПБҲШС инҳироф мекунад, оё он чораҳо:

I. Барои ҳифзи саломатии аҳолӣ аз пандемияи COVID-19 комилан зарур мебошанд?

II. Муваққатӣ, яъне ба давомдории ҳолати фавқулодда маҳдуд мебошанд, ҳадди аққал ба нақша гирифта шудааст, ки ҳангоми барқарор шудани вазъияти муқаррарӣ, амали он ба охир мерасад?

III. Ҳар гуна ӯҳдадориҳои дигари давлатро тибқи қонунҳои байналмилалӣ, махсусан ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона вайрон НАМЕКУНАНД?

IV. Бе ягон ҳадафи табъизомез ё таъсиррасонидан ба гурӯҳҳои муайян татбиқ карда мешаванд (масалан, ҳеҷ гурӯҳи мушаххасе вуҷуд надорад, ки инҳироф бе сабабҳои узрнок ба онҳо таъсир расонад)?

V. Саломатии ҳар шахсро бидуни фарқияти беасос ба таври баробар муҳофизат мекунанд (ҳеҷ гурӯҳи мушаххасе вуҷуд надорад, ки бесабаб аз доираи муҳофизат дар канор монда бошад)?

VI. Аз ҳар гуна ҳуқуқҳои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, инҳироф намекунанд?

Агар ҷавоби шумо ба ягон саволи дасти чап зикршуда "НЕ" бошад, хавфи вайронкунии вуҷуд дорад, лутфан мавридҳое зеринро марвиди санҷиш қарор диҳед:

- Кадом чораҳое, ки аз ПБҲШС инҳироф мекунанд, дар робита ба ҳадафи ҳифзи саломатии аҳолӣ аз пандемияи COVID-19 ва барқарорсозии вазъияти муқаррарӣ комилан зарурӣ ё беасос нестанд ва ба кадом маъно?
- Кадом ӯҳдадориҳои давлат мутобиқи дигар ҳуқуқи байналмилалӣ, махсусан ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона вайрон карда мешаванд ва чӣ гуна?
- Кадом гурӯҳҳо мавриди табъиз қарор мегиранд ё махсусан мавриди таъсири инҳироф қарор мегиранд ва чӣ гуна?
- Кадом гурӯҳҳо аз доираи ҳимоя дур мондаанд ва чӣ гуна?
- Аз кадом ҳуқуқҳои мутлақи ПБҲШС инҳироф карда мешавад, чӣ гуна инҳироф карда мешавад?

**Иннчунин истинод оред ба:**

Тартиби зарурӣ барои инҳирофи қонунии ПБҲШС (корти №8)
Ҳуқуқҳои мутлақи дар чорчӯби ПБҲШС (корти № 10)



CCPR Centre for Civil and Political Rights

бо дастгирии: Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

# Ҳуқуқҳои мутлақи дар чорчӯби ПБҲШС



Моддаи 4 §2 ПБҲШС муқаррар кардааст, ки аз моддаҳои зерин ҳеҷ гуна инҳироф карда намешавад:

- Моддаи 6 –ҳуқуқ ба ҳаёт
- Моддаи 7 – маъи шиканҷа
- Моддаи 8 §1 ва §2 – манъи ғуломӣ
- Моддаи 11 – манъи маҳрум кардан аз озодӣ барои иҷро карда натавонистани ҳар гуна ӯҳдадориҳои шартномавӣ
- Моддаи 15 – набудани қувваи йозгашти қонунгузории ҷиноятӣ
- Моддаи 16 – ҳуқуқи эътироф кардан ҳамчун субъекти ҳуқуқӣ
- Моддаи 18 – озодии фикр, виҷдон ва дин (*ба истиснои §3 – озодии пайравӣ кардан ба дин)





**Дигар қисмҳои ПБҲШС, ки аз онҳо инҳироф кардан мумкин нест:**

- Моддаи 2 §3 – ҳуқуқи қурбониён ба воситаи пурсамари ҳифзи ҳуқуқ;
- Моддаи 10 §1 – муомилаи инсондӯстона ва эҳтироми шарафе, ки хоси шахсияти инсонӣ бо ҳамаи ашхосе, ки аз озодӣ маҳрум карда шудаанд;
- Манъи ба гаравгон гирифтан, рабудан ё боздошти махфӣ ;
- Манъи тағйири иҷбории макон
- Моддаи 20 – манъи таблиғи ҷанг ва адовати миллӣ, нажодӣ ва динӣ
- Кафолати асосӣ аз худсаронадастгир кардан, ҳуҳуқи шахси ба ҳабс гирифташуда барои интиқол додан ба суд ҷиҳатибознигарии қарор оид бачораҳои пешгирӣ (хабеас корпус); ва
- Кафолатҳои муҳокимаи одилонаи судӣ



CCPR Centre for Civil and Political Rights

бо дастгирии: Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

# Маҳдудиятҳои иҷозатдодашудаи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ПБҲШС)



Моддаҳое, ки дар онҳо маҳдудиятҳо иҷозат дода шудаанд:

- Моддаи **12** (рафту омади озодона)
- Моддаи **18 §3** (озодии пайравӣ кардан ба дин)
- Моддаи **19** (озодии изҳори баён)
- Моддаи **21** (озодии ҷамъомадҳои осоишта)
- Моддаи **22** (озодии иттиҳодия)



Таваҷҷуҳ! Маҳдудиятҳо танҳо дар ҳолатҳои истиной иҷозат дода шудаанд.

Агар маҳдудиятҳо ҷорӣ карда шаванд, давлати ширкаткунандаи ПБҲШС бояд ба Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар бораи ин маҳдудиятҳои иттилоот диҳад (мақоми назоратии ПБҲШС), алалхусус дар бораи:

- **Хусусият ва соҳаи мушаххаси истифода;**
- **Ҳолатҳо ва контекст;**
- **Асоснокунӣ; ва**
- **Таъсир.**

**Кумита маҳдудиятҳоро ҳангоми шарҳи даврии дахлдори давлати узв тафтиш мекунад.**



CCPR Centre for Civil and Political Rights

бо дастгирии:

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra